## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, пешниҳод гардидааст.**

Дар байни таърихшиносоне, ки дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон саҳми бориз гузоштаанд, аз узви вобастаи АИ ҶТ доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Назаров метавон ба некӣ ёд намуд. Бешак, Ҳ. Назаров - муҳаққиқи нозукбин ва нуктасанҷ шумораи зиёди осори илмӣ роҷеъ ба таърихи Афғонистон эҷод намудааст, ки то кунун арзиши илмии худро нигоҳ медоранд.

Таълифоти ӯ бемуболиға китоби рӯимизӣ барои муҳаққиқони таърихи Афғонистон ҳисоб меёбанд, Дар умум, муҳаққиқе, ки таърихи Афғонистон ва таърихи мамлакатҳои ба он ҳамҷаворро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ҳатман ба осори Ҳ. Назаров муроҷиат менамояд.

Таҳқиқоти Ҳ. Назаров дар омӯзиши илмии Афғонистон таъсири назаррас гузоштаанд ва дар оянда низ барои муҳаққиқони нави соҳаи афғонистоншиносӣ хизмати арзанда хоҳанд намуд. Аммо қобили зикр аст, ки новобаста аз ин саҳми ин олими намоён дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон то кунун ба таври ҷомеъ аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, дар шароити нави таърихӣ, диққати муҳаққиқонро омӯзиши осори Ҳ. Назаров ва саҳми ӯ дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ҷалб намудааст, ки мубрамияи мавзӯи рисолаи диссертатсиониро ифода менамояд. Дар умум унвонҷӯ мубрамияти мавзӯъро дар ҳафт банд мушаххас муайян намудааст. Барои мисол унвонҷӯ баён менамояд, ки «мубрамияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки имрӯз дар ин кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя 40 сол аст, ки ҷанг идома дорад. Бисёре аз масъалаҳои дар таҳқиқоти Ҳ. Назаров гузошташуда, махсусан зарурати

ҳалли масъалаи миллӣ, тавсияҳои пешниҳодкардаи ӯ дар ин замина барои ҳалли буҳрони имрӯзаи Афғонистон аҳамияти зиёд доранд».

Унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои рисолаи диссертатсиониро дуруст ва мушаххас муайян намудааст ва чуноне дида мешавад аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои гузошташуда баромадааст.

Дар асоси мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, сохтори диссертатсия аз сарсухан, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар сарсухан аҳамияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асоси методологӣ, асосҳои назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида асоснок карда шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри XX» унвон ғирифта, аз ду зербоб «Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» иборат мебошад.Муаллиф аз ин боб ва зербобҳои он ба хулоса омадааст, ки Ҳ.Назаров роҳи пуршебу фарозро дар зиндагӣ ва ташаккули шахсияти худ паси сар намудааст. Ҳ.Назаров дар омодасозии мутахассисони соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ, хизмати босазо намудааст. Мавсуф афғонистоншиносии тоҷикро ба сатҳи ҷаҳонӣ бароварда буд, шогирдони ӯ низ самти таҳқиқоти илмии худро ба афғонистоншиносӣ пайвастанд ва кори устодро идома медиҳанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров» унвон гирифта, таҳқиқи масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон, ҷунбишҳои оммавии мардумии

охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ҳамчунин арзёбии ҷунбишҳои сиёсин ичтимоӣ ва маорифпарварӣ дар осори олим мавриди баррасӣ қаро гирифтааст. Диссертант иброз медорад, ки вазъи ичтимоӣ-иктисодӣ в сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX дар осор Ҳ.Назаров бо истифода аз равишҳои санчидашудаи таърихӣ маврид таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар зербобҳои дигари ин боб муаллис таъкид менамояд, ки новобаста ба баъзе ислоҳот дар охири асри XIX в ибтидои XX дар Афғонистон оммаи заҳматкаши Афғонистон ба вазъият ногувори ичтимоӣ гирифтор гардида буданд. Ин ҳолат боиси ба миё омадани ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афгонистон мегардад. Диссертант дар заминаи осори Ҳ.Назаро таъкид менамояд, ки ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX в ибтидои асри XX дар Афғонистон заминаро барои ҷунбишҳои сиёсин ичтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон муҳайё сохтанд.

Боби сеюми рисола – «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» ном дорад, ки аз се зербоб ибора мебошад. Муаллиф дар зербобҳои он: «Ҳақназар Назаров ва таҳқиқ масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Ҳакназар Назаров ва арзёбии моҳият шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушд фарҳанги Афғонистон» таъкид менамояд, ки Ҳ.Назаров дар осор ху масъалаи миллиро дар Афғонистон таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки азаматталабӣ, табъизхоҳӣ, имтиёзҷӯӣ ва зулму истисмори табақаҳои ҳокимаи афгон ба муқобили аҳолии ғайриафғон бо мурури замон ба он оварда расонд, ки худшиносии миллии тоҷикон ва дигар аҳолии ғайрипаштун боло равад. Дар ҳамин замина ақвом ва халқиятҳои истисморшаванда иштироки фаъолонаи худро дар ҷунбишҳои оммави ичтимоии солҳои 1928-1929 оғоз намуданд. Роҷеъ ба арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ муҳаққик Ҳ.Назаров дар фарқият аз дигар афғонистоншиносон иброз медорад, ки моҳияти ин шӯришро дар охири солҳои 20-уми асри XX дар Афғонистон

натичаи истимори сахти иқтисодию ичтимоии оммаи заҳматкаш ташкил медиҳад. Ба ақидаи Ҳ.Назаров новобаста аз пешравиҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ дар Афғонистон зулму ситам дар даврai Амонуллохон назар ба пештара шиддати бештар касб намуд. Унвончӯ дуруст таъкид менамояд, ки Ҳ.Назаров дар радифи дигар корҳои илмии анчомдода оид ба Афғонистон ба масъалаи таҳқиқи мақоми точикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон мароқ зоҳир намудааст. Ба ақидаи унвончӯ Ҳ.Назаров махсусан дар шоҳасари худ «Мақоми точикон дар таърихи Афғонистон» ин масъаларо дуруст мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Аҳамияти амалии диссертатсияи унвончӯ Д.С.Қодиров дар он зоҳир мегардад, ки. натичаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишчӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба чунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони точик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми точикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии чавонони Точикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

Дар хулоса натичаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо чиҳати омӯзиши минбаъдаи истифодаи мероси илмии профессор Ҳ.Назаров барои дарки дурусти равандҳои таърихии Афғонистон чамъбаст гардидаанд.

Умуман, диссертатсия таҳқиқоти баанчомрасида маҳсуб меёбад, мустақилона ва дар сатҳи илмии хубе ичро гардида, бо забони ноби адабии точикӣ таълиф гардидааст. Унвончӯ рочеъ ба ҳар боб хулосаҳои худро иншо намудааст.

Бо вучуди дастовардҳои илмие, ки дар диссертатсия дида мешавад, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунанд:

1. Ба андешаи мо дар кори диссертатсионӣ муаллифи он зимни баррасии зербоби якуми бо́би якум «Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров» аз маводи бойгонӣ камтар истифода намудааст.

2. Агар муаллифи рисола дар зербоби дуюми боби якум «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афгонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» тақризҳоеро, ки Ҳ.Назаров ба рисолаҳои илмии шогирдонаш навишташударо ёфта, онҳоро мавриди баррасӣ қарор медод, қиммати илмии рисола меафзуд.

3. Дар зербоби сеюми боби дуюм танҳо баъзе аз ғояҳои машрутахоҳон ва маорифпарварони Афғонистони давраи таҳқиқшаванда дар осори Ҳ.Назаров таҳлил шудаанд. Агар ин кор дар мавриди дигар маорифпарворони дар таҳқиқоти устод таҳлилшуда сурат мегирифт, қимати рисолаи диссертатсиониро боз ҳам болотар мебурд.

4. Дар матни диссертатсия баъзан иштибоҳҳои грамматикӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд.

Аммо бояд зикр намуд, ки эродҳои пешниҳодшуда метавонанд андешаи фардии муқарриз шумурда шаванд ва шояд хислати ҳатмӣ надошта бошанд. Дар ҳар сурат, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори диссертатсиониро аслан кам намекунанд, зеро натиҷаҳои дар рафти таҳқиқ бадастомада ба сарчашмаҳои таърихии муътамад асос ёфта, аҳаммияти бузурги амалӣ доранд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афгонистон» кори таҳқиқотии мукаммалест, ки дар чаҳорчӯби он масъалаҳои мухталифи марбут ба мавзӯъ таҳлилу баррасӣ шуда, хулосаҳои илмии асоснок бароварда шудаанд.

Ҳамин тавр, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия додашуда бо далелҳои муътамад асоснок карда шудаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии нашршудаи унвонҷӯ мазмуну

мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд.

Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, имконияти истифодаи амалии натиҷаҳои он ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10-12, 14 ва 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ**
номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳматов И.

22-юми апрели соли 2020

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
Телефон (+992) 93 515 42 20
E-mail: irahmatov@mail.ru

«Имзои дотсент Раҳматов И.-ро
тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Алиев А.Ҷ.

ОТДЕЛ КАДРОВ

22-юми апрели соли 2020